**ТАҚРИЗИ**
**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ БА ДИССЕРТАТСИЯИ ДОКТОРИИ ҒУЛОМОВ ТОҶИДДИН МИРЗОАЛИЕВИЧ ДАР МАВЗУИ «ТАЪРИХНИГОРИИ ЗАБТКОРИҲОИ АРАБ ВА МУБОРИЗАҲОИ ИСТИҚЛОЛХОҲОНАИ МАРДУМИ ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР ДАР АСРҲОИ VIII-X» БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ТАЪРИХ АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 07.00.09 – ТАЪРИХНИГОРӢ, МАЪХАЗШИНОСӢ ВА МЕТОДҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ТАЪРИХӢ. – ДУШАНБЕ, 2024. – 345 С.**

Баъди ба даст омадани истиқлоли давлатӣ дар самти таърихнигории миллии мо – тоҷикон низ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омад. Бо оғоз гардидани марҳилаи навини давлатдории миллӣ, аз ҷониби ҳукумат ба омӯзиши таърих дар доираи манфиатҳои миллӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад. Дар ин росто дар баробари рӯ овардан ба таърихи аҳди қадиму асрҳои миёнаи халқи тоҷик як силсила барномаҳою ҷашнвораҳои таърихӣ ва симпозиюмҳои байналмилалӣ аз қабили “Соли бузургдошти тамаддуни Ориёӣ”, “Бузургдошти 1100-солагии давлати Сомониён”, бузургдошти “1310 – солагии Имоми Аъзам – Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит” ва таҷлилу бузургдошти садҳо намояндагони маъруфи илму адаб гузаронида шуд, ки аз таваҷҷуҳи бевоситаи роҳбари олии мамлакат ба таърихи пурифтихори халқи тоҷик шаҳодат медиҳанд.

Мавзуи забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр яке аз ҳамин гуна мавзуҳоест, ки гарчанде аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ атрофи он пажӯҳишҳои фаровон сурат гирифта бошад ҳам, то имрӯз масъалаи таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Ба таъбири дигар, таҳқиқи таърихнигории масъалаи мазкур то имрӯз мавриди баррасии бевосита ва мустақим қарор нагирифтааст. Ҳол он ки ин мавзуъ аз масъалаҳои мубрами таърихии мардумони Осиёи Миёнаву давраи ташаккули халқи тоҷик ва таҳкими давлатдории он ба ҳисоб меравад.

Мавзуи таҳқиқи мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажӯҳишиест, ки ба самти манбаъшиносию таърихнигорӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии **07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ комилан мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи доктории Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар он зоҳир меёбад, ки то кунун оид ба масъалаи таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X таҳқиқи диссертатсионии

бевосита ва мустақим анҷом наёфтааст. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи доктории довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам арзёбӣ намуд**. Довталаби дараҷаи илмӣ барҳақ қайд намудааст, ки атрофи масъалаи мазкур пажӯҳишҳои фаровон сурат гирифта бошад ҳам, то имрӯз аз мавзуъҳои доғи таърихнигории миллӣ шинохта мешавад. Дар ин бора ҳатто афроди ғайриҳирфаӣ ва дур аз илми таърих низ андешарониву муҳокимаронихо кардаанд. Вале, бо таъкиди академик Бобоҷон Ғафуров "ҳангоми баҳо додан ба аҳаммияти таърихии аз тарафи арабҳо истило шудани Осиёи Миёна, чуноне ки дар баъзе таҳқиқотҳо ба шакли пардапӯшида ба назар мерасад, набояд ба ифроту тафрит роҳ дод. (диссертатсия, с. 3).

Аҳаммияти дигари мавзуи диссертатсияи доктории Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар он зоҳир мегардад, ки дар асоси таҳлилҳо ва таҳқиқҳо раванди забткориҳои араб, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр, паёмади забткориҳои араб ва саҳми ҳамаҷонибаи мардуми минтақа дар густариши дини навро муайян ва равшан намояд, ки ба ин мақсад низ расидааст. Омӯзиши таҳқиқоти мазкур ҳамчун мавзуи муҳимми таърихӣ, на танҳо аҳаммияти калони илмиву амалӣ дорад, балки барои равшан сохтани саҳифаҳои таҳқиқнагардида ва норавшани таърихи асримиёнагии халқи тоҷик кумаки амалӣ расонида метавонад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар илми таърихнигорӣ ва манбаъшиносии тоҷик бо баҳрабардорӣ аз ақидаҳо, назарияҳо ва сарчашмаву адабиёти илмии олимони кишварҳои гуногун кӯшиш кардааст, ки заминаҳо, омилҳо ва вижагиҳои гуногуни забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X равшан ва мушаххас карда шавад. Омӯзиши амиқи масъалаи мазкур дар таърихнигории имрӯзаи тоҷик аз навовариҳои илмист, ки дар баробари забткориҳои арабу паёмадҳои он дар минтақа, инчунин саҳми мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар интишори илму фарҳанг хело назаррас нишон дода шудааст. **Хулосаву тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалии зербобҳои рисола мушаххас нишон дода шуда, аз ҷониби диссертант маҷмуан 10 адад навгониҳои мушаххас пешниҳод гардидааст, ки дурнамои мавзуи таҳқиқотиро муайян кардаааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии таърихнигорони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи

таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. **Хулоса** ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши илмии ба таҳқиқи масъалаи муҳимми раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр бар асоси маълумоти манбаҳои таърихии давраи таҳқиқ ба забони форсию арабӣ, осори ҷуғрофӣ-таърихии сайёҳону муаррихони асримиёнагӣ, таҳқиқоти олимону муҳаққиқони русу араб, аврупоӣ, амрикоӣ ва дастовардҳои илмии таърихнигорони ватанӣ такя мекунад. Мавзуи таҳқиқот аз таҳлили маводу манбаъҳои таърихии форсию арабӣ ва осори муҳаққиқони муосири ватанию хориҷӣ иборат мебошад ва раванди забткориҳои арабу муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳрро дар асоси вазифаҳои бамиёнгузошташуда, ки усулҳои шаффофият, таърихият ва мушаххасотро дар бар мегирад, иборат мебошад.

Ҳамзамон, дар диссертатсия равиши байнисоҳавӣ истифода бурда шудааст, ки бо хусусиятҳои мавзуи таҳқиқот алоқаманд буда, ҷанбаҳои гуногуни он бо истифода аз дастоварди илмҳои манбаъшиносӣ, таърихнигорӣ, хронологияи таърихӣ, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ ва ғайра омӯхта шуданд. Аҳаммияти амалии дигари рисолаи мазкур дар муаррифии аҳволу осори олимону мутафаккирони асримиёнагии минтақа ва саҳми беназири онҳо дар истиқрор ва густариши ислом иборат аст. Инчунин таҳқиқоти мазкур метавонад зимни таҳияи корҳои илмӣ доир ба масълаҳои муҳимми таърихӣ ва фарҳанги халқи тоҷик ва мардумони ҳамҷавор тартиб додани барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, таҳияи курсҳои махсус доир ба масъалаи забткориҳои арабҳо дар минтақаи мавриди таҳқиқ барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 3, манография, 29 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 18 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ,** натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич аз муқаддима, чор боб, даҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ,

рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ ҳар боб ба зербобҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, ҳудудҳои хронологӣ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

**Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои** мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд,** ки воқеан, дар илми таърихнигории тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи масъалаи таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

**Боби якуми диссертатсия «Сарчашмаҳо ва таърихнигории мавзуи таҳқиқшаванда»** унвон дошта, дар он бо такя ба манобеъ ва таҳқиқоти қаблан анҷомёфта тавсифи илмии сарчашмаҳои дасти аввали мавзуъ ва асарҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанию хориҷӣ сурат гирифтааст. Зербоби якуми ин боб «Сарчашмашиносии масъалаи таҳқиқшаванда» номгузорӣ гардида, диссертант қайд менамояд, ки сарчашмаҳои асосии дар таълифи диссертатсия мавриди истифода қароргирифта асосан манбаъҳои хаттии таърихӣ ва сарчашмаҳои ҷуғрофӣ-таърихии ба забонҳои арабию форсӣ таълифгардидаи муаррихони асрҳои IX-XII мебошанд. Вобаста ба ин сарчашмаҳои мавриди истифодаро аз рӯйи мазмуну муҳтаво ва фарогирии мавзуъҳои баррасигардида ба панҷ гурӯҳ ҷудо намудааст, ки аз ҷиҳати фарогирии мавзуъ хеле мантиқӣ ба назар мерасад.

Зербоби дуюми боби якуми диссертатсия «Таърихнигории масъалаи таҳқиқшаванда» номгузорӣ шуда, дар он довталаби дараҷаи илмӣ осори муҳаққиқони ватанию хориҷиро вобаста ба фарогирии мавзуяшон ба шаш гурӯҳ ва бахшҳои ҷудогона тақсим намуда, муаллиф дар ин зербоб ба таҳлилу баррасии масоили мавриди тақиқ пардохта, умумият ва тафовути онҳоро аз дигар асарҳои илмӣ равшан сохтааст. Муаллифи диссертатсия қайд

менамояд, ки “Дар таҳқиқ ва таҳлили масъалаи мазкур осори илмии олимону муҳаққиқони муосири тоҷик, олимони Осиёи Миёнаву Афғонистон, Эрон, кишварҳои Араб, Русия ва Аврупову Амрико мақоми арзанда доранд” (диссертатсия, саҳ. 55). Аз истифодаи осори илмие, ки мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст, маълум мегардад, ки муаллиф аз фарогирии мавзуъ дар сатҳи минтақавию ҷаҳонӣ воқиф мебошад.

Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич ҷойи дигар қайд менамояд, ки «Доир ба омӯзиши масъалаи мазкур асарҳои пурарзиши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳнамо мавриди истифода қарор доштанд, ки дар онҳо консепсияи омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва методологияи он муайян гардидааст ва рисолаи мазкур дар асос ва бар пояи ин консепсия таълиф гардидааст». (диссертатсия, саҳ. 5-6).

**Боби дуюми диссертатсия «Инъикоси вазъи умумии Хуросону Мовароуннахр дар арафаи забткориҳои араб дар манобеи таърихӣ ва бозтоби он дар осори илмӣ»** ном дошта, аз се зербоб фароҳам омадааст. Дар зербоби аввали он, ки “Ҳудудҳои ҷуғрофӣ ва вазъияти сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи ҳуҷумҳои арабҳо” номгузорӣ шудааст, муаллиф масъалаҳои ҳудудҳои ҷуғрофии тоҷикзамин ва ё ватани бумию таърихии тоҷиконро бо истифода аз сарчашмаҳои муътабари таърихӣ муайян сохта, ҳамзамон вазъи сиёсии минтақаро дар арафаи ҳуҷумҳои арабҳо ба риштаи таҳқиқ кашида, мушаххас намудааст. Зербоби дуюми ин боб ба «Ваъзи иҷтимоӣ ва иқтисодии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи ҳамлаи арабҳо» бахшида шуда, муаллиф дар ин фасл таҳлилу баррасиҳои қобили таваҷҷуҳ дорад. Довталаби дараҷаи илмӣ таҳқиқи ин зербобро чунин хулосабарорӣ мекунад: «Солҳои 20-30-юми садаи VII буҳрони шадиди иҷтимоиву иқтисодии дохилӣ ва ошӯбҳои халқӣ алайҳи Сосониён ривоҷи бештар ёфта буданд. Буҳроне, ки давлати Сосониёнро ба сукут ва заифӣ оварда буд, ба ҳуҷумҳои пайдарпайи арабҳо ва пирӯзии онҳо ба Сосониён мусоидат намуд. Ҷангҳои солҳои 30-40 на танҳо ба барҳамхӯрии сулола, балки ба ворид шудани ойини нав ва ба ислом гаравидани эрониён оварда расонд» (диссертатсия, саҳ. 112).

Диссертант дар зербоби сеюми боби дуюм («Вазъи эътиқодии мардумони бумии минтақа қабл аз ворид шудани арабҳо») ба баррасии вазъи эътиқодию диндорӣ ва вазъи фарҳангию идеологии Хуросону Мовароуннахр пардохта, бо такя ба манобеи зиёди асримиёнагӣ ва асарҳои таҳқиқотии олимони муосири ватанию хориҷӣ вазъи эътиқодию идеологии ин давраро

муайян ва мушаххас намудааст. Ба андешаи ӯ “Пайравони адёни насронӣ, буддоӣ, монавӣ, маздакӣ, меҳрпарастӣ, бутпарастӣ, оташпарастӣ, зурвонӣ ва ақаллияти пайравони динҳои дигари ориёӣ бо ихтилофҳои ақидавӣ-идеологӣ ва гуногунандешии мазҳабии худ ҳар замон барои коста гардидани таъсир ва нуфузи дини расмӣ кӯшиш менамуданд. Боварихои қадимии мардум ва адёни дигар ҳамчун ахтари зери хокистар ҳар замон забона зада, барои камтаъсир намудани дини расмӣ ва суқути шоҳаншоҳӣ кумак мекарданд. Зардуштия бошад ҳамчун дини расмии кишвар камтаъсир ва бефурӯғ гардида, дигар таъйиноти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи феодалиро ба таври дилхоҳ таъмин карда натавонист. Эронзамин дар ин ҳолат қарор дошт, ки арабҳо бо дини навзуҳури хеш вориди майдон гаштанд” (диссертатсия, саҳ. 139).

**Боби сеюми диссертатсия «Сарчашмашиносӣ ва таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои озодихоҳонаи мардумӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр»** унвон дошта, дар ду зербоби он масъалаҳои раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи халқи тоҷик мавриди таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ қарор дода шудаанд. Дар зербоби аввали он (“Раванди забткориҳои арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр ва инъикоси он дар сарчашмаҳои таърихӣ”) масъалаҳои умдатарини раванди забткориҳои арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр бо такя ба сарчашмаҳои муътабари таърихӣ бо қиёс бо маълумоти таърихии “Таъриху русули ва-л-мулук”-и Муҳаммад Ҷарири Табарӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, муҳимтарин иллати шикаст хӯрдани мардуми Хуросону Мовароуннаҳрро мавриди баррасии илмӣ қарор додааст. Дар зербоби дуюми боби сеюм “Муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардумони Хуросону Мовароуннаҳр бар зидди истилогарони араб” мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифта, диссертант ба хулосае омадааст, ки “Агар ҷунбишҳои нимаи аввали асри VIII ба ҳукумати ситамгори Умавиён хотима дода бошад, пас қиёмҳову ҷунбишҳои нимаи дувуми асри VIII ва аввали асри IX хилофатро ба ақибнишинӣ водор сохт, ки яке аз натиҷаҳои он ба қудрати сиёсӣ роҳ ёфтани хонадонҳои маҳаллии тоҷикон ба шумор меравад” (диссертатсия, саҳ. 226). Дар воқеъ хулосабарории диссертант илман асоснок ва мантиқӣ ба назар мерасад.

**Боби чоруми диссертатсия “Пайомадҳои забткориҳои араб ва паҳншавии дини нав дар Хуросону Мовароуннаҳр ва инъикоси он дар сарчашмаҳои таърихӣ”** ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Диссертант Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар ин зербоб 14 омили асосию муҳимтарини исломикунонӣ ва исломпазирии мардумони бумии Хуросону Мовароуннаҳрро мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода, ба хулосае омадааст, ки

миёни онҳо омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, эътиқодӣ, раҳоӣ аз ҷизя ва омили сиёсӣ нақши бориз доштааст. Албатта ин хулосабарориҳо аз ҳар ҷониб мантиқан дуруст мебошанд. Дар зербоби дуюми боби чоруми диссертатсия, ки "Саҳми донишмандони минтақа дар рушду густариши улум ва фарҳанги ин давра" номгузорӣ шудааст, муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои зиёду осори таҳқиқотии олимони муосири ватанию хориҷӣ саҳми ниёгони моро дар ташаккули илмҳои табиатшиносию ҷомеашиносӣ муайян ва мушаххас намудааст.

Зербоби сеюми боби чорум "Нақш ва мақоми ҳанафия дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии Хуросону Мовароуннаҳр» номгузорӣ шуда, дар таҳқиқи ин масъала муаллиф появу бунёди як ғояи мазҳаби давлатӣ дар доираи ақидаҳои Абуҳанифа ташаккулёфтаро, ки ҳадафи он мураттаб сохтани андешаҳои каломӣ, фиқҳӣ, ахлоқӣ ва сиёсии мактаби хусусияти қавмидоштаи ҳанафияи Мовароуннаҳр буд мавриди баррасӣ қарор додааст. Минбаъд дар амалӣ намудани фазои ҳуқуқии одилона аз ҷониби ҳанафиён, Сомониён таъмини амнияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сарҳадиро таъмин намуда, ба зиддиятҳои ақидатӣ, муборизоти сиёсӣ, ҷангҳои қавмӣ ва маҳаллӣ хотима бахшиданд.

Хулосаи диссертатсияи Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 25 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқи минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобам:

1. Дар боби дуюми диссертатсия вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ зиёд шарҳ ёфтааст, модоме, ки ба мавзуи таҳқиқоти рисола характери заминавӣ дорад.

2. Дар зербоби якуми боби якум сарчашмаҳои мавриди истифодаро аз рӯйи мазмуну муҳтаво ва фарогирии мавзуъҳои баррасигардида ба се гурӯҳ ҷудо намуда, дар қисмати ташреҳии он сарчашмаҳоро ба панҷ гурӯҳ тақсим намудааст, ки аз лиҳози забонӣ ғалат аст.

3. Равшану возеҳтар нишон муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардумони бумии Хуросону Мовароуннаҳр бо далелу бурҳони сарчашмавӣ ба фоидаи кор буда, дар ташаккули худшиносиву худогоҳии миллии мо кор хоҳад буд.

4. Ҳангоми таҳқиқот китобҳои дарсии “Таърихи халқи тоҷик” барои макотиби олӣ ба эътибор гирифта нашудаанд.

5. Дар бораи ғояҳои асосии таълимоти ҳанафия маълумот камтар оварда шудааст. Ба ибораи дигар дар замони Сомониён бар асоси кадом арзишу андешаҳои хоси худ ба мазҳаби хукмрон табдил ёфтани ҳанафия шарҳ мехоҳад.

6. Баъзан дар овардани иқтибосу повароқҳо ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба мушоҳида мерасанд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба мақом ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич арзиши аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар мавзуи «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолиятхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пурра бaанҷомрасида ҳисоб ёфта, муаллиф тавонистааст ҳадаф ва вазифаҳои дар наздаш гузоштаро комилан ба анҷом расонад.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

**Хулоса, сохтори диссертатсияи** доктории Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар мавзуи “Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X” ба талаботи бандҳои 31, 32, 33, 34, 35, 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои илми таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи халқи тоҷики
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Ҳақназаров А.**
14 марти соли 2024.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ,
кӯчаи Л. Шералӣ, бинои 13, ҳуҷраи 13
Тел.: (+992) 918747325
E-mail: saynakov2012@mail.ru

**Имзои Абдуназар Ҳақназаровро**
**тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ **Мустафозода А.**

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Тел.: +992(37) 224-13-83; +992(37) 224-18-01.
E-mail: info@tgpu.tj; сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj

15 марти соли 2024.